«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_________ Насриддинзода Э.С.
«__» ________ соли 2024

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ дар мавзуи «Таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

Дар марҳилаи омода намудани диссертатсия Сафарализода Х.Қ. докторанти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳсуб меёфт.

Сафарализода Х.Қ. соли 2007 факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлобро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст (Дипломи ДОА №0001892).

Солҳои 2008-2010 аспиранти шуъбаи рӯзонаи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд. Соли 2011 диссертатсияи номзадии худро дар мавзуи «Идеяи миллӣ ва хусусиятҳои хосси он дар шароити ба даст овардани истиқлолият (таҷрибаи Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ҳимоя намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ гардидааст (5 апрели соли 2012, № 87/нк-1, ДКН № 154379).

Мавзуи диссертатсияи Сафарализода Х.Қ. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ дар маҷлиси Шурои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 01-уми майи соли 2019, суратмаҷлиси №9 ва маҷлиси Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28-уми июни соли 2019, суратмаҷлиси №13 тасдиқ шудааст.

**Мушовири илмӣ** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

Дар банди 8-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Субъектҳои ноаён дар сиёсат», дар банди 10-ум «Назарияи аксионизми сиёсӣ», «Консепсияи рушди устувор дар илмҳои сиёсӣ» ва дар банди 11-ум «Омилҳои хавф» ва «Усулҳои таҳлили хавфҳои сиёсӣ» барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд. Инчунин диссертатсияи мазкур аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мувофиқат менамояд. Дар қарори мазкур «манфиатҳои муҳимми миллӣ», «амнияти иттилоотӣ», «таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ», «кибертерроризм», «ифротгароии динӣ ва терроризм», «киберҷиноятҳо» ва ғ. барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Сафарализода Х.Қ. дар таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти зиёди назариявию амалӣ дорад. Барои таъмини бомуваффақонаи суботи сиёсӣ коркарди ҷанбаҳои назариявию методологии категорияҳои бунёдии консепсияи амнияти миллӣ хеле зарур аст. Таҳдид ҳамчун унсури системаи амнияти миллӣ ва категорияи бунёдии консепсияи амният ба омӯзиши доимӣ ниёз дорад. Муайян кардани хусусият, моҳият ва табиати таҳдидҳо, таҳқиқ намудани сарчашмаҳои пайдоиши таҳдидҳои замони муосир, нишон додани шаклҳои зоҳиршавии онҳо, муайян кардани таъсири онҳо ба амнияти миллӣ ва суботи сиёсӣ самтҳои афзалиятноки таҳқиқотие мебошанд, ки дурнамои мубориза бо таҳдиду хатарҳо аз сатҳи омӯзиши онҳо вобастагии зиёд дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо таҳдиду хатарҳои гуногун рӯ ба рӯ гардида буд. Дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ низ ҳамарӯза ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдидҳои гуногун таъсиргузорӣ намуда истодаанд. Аз ҷумла, фаъолияти тахрибии ташкилотҳои террористию экстремистӣ, таблиғи ғояҳои тундгароии исломӣ, ҳуҷумҳои иттилоотию идеологӣ, ба сари мардум бор намудани фарҳанги бегона, таъсири манфӣ расонидан ба афкори ҷамъиятӣ, мағзшӯӣ кардани ҷавонону наврасон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғ. таҳдидҳое мебошанд, ки барои ҷомеаи Тоҷикистон хавфу хатари зиёдро ба вуҷуд оварда истодаанд. Дар чунин шароит омӯзишу пажӯҳиши таҳдидҳо имкон медиҳад, ки роҳу усулҳои пешгирӣ намудани хавфу хатарҳо ва мубориза бо таҳдидҳо пайдо карда шаванд. Таҳқиқоти анҷомдодаи довталаб дар самти шинохти таҳдидҳо, муайян кардани сарчашмаҳои пайдоиши онҳо ва таъмини суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти бағоят зиёд дорад.

Пажӯҳиши шаклҳои зоҳиршавии таҳдидҳои замони муосир ва нишон додани таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсади таҳқиқоти довталабро ташкил додааст. Дар доираи амалишавии мақсади таҳқиқот муаллиф вазифаҳои мушаххасеро пеш гузоштааст, ки натиҷаҳои асосии диссертатсия аз ҳалли онҳо бармеоянд. Омӯзиши ҷанбаҳои назариявию консептуалии таҳқиқи таҳдидҳо ва дар ин замина нишон додани хусусиятҳои

муҳимми ташаккулёбии таҳдидҳои замони муосир, муайян кардани умумият ва махсусияти хавфҳо, хатарҳо ва таҳдидҳо, дар асоси таҳлилу баррасии шаклҳои гуногуни зоҳиршавии таҳдидҳо пешниҳод кардани таснифоти нави онҳо, асоснок намудани зарурати таҳдидшиносӣ дар низоми идоракунии давлатӣ, нишон додани амалкардҳои тахрибии як гурӯҳ давлатҳо дар ҳудуди давлатҳои дигар ҳамчун сарчашмаи пайдоиши таҳдидҳои беруна, муайян кардани сабабҳо ва заминаҳои пайдоиши таҳдидҳои дохилӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа, нишон додани пайдоиши таҳдидҳои замони муосир дар шароити рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ, муайян намудани нақш ва мавқеи «неруи нарм» ва «неруи ҳушманд» дар низоми амнияти миллӣ, нишон додани хавфу хатари инқилобҳои ранга ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани таъсири шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор намудани шаклҳои зоҳиршавии таҳдидҳои идеологӣ ҳамчун омили халалдор намудани суботи сиёсии ҷомеа, асоснок кардани нақш ва мавқеи таъмини амнияти идеологӣ дар ҳифзи суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани таҳдиду хатари тундгароии динӣ, экстремизми сиёсӣ ва терроризм дар марҳилаи кунунии давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин вазифаҳои таҳқиқотиро ташкил намудаанд.

Заминаҳои назариявии омӯзиши мавзуъро назарияҳои «тавозуни қувваҳо», «секюритизатсия», «неруи нарм», «неруи ҳушманд», «бархӯрди тамаддунҳо», «инқилоби чоруми саноатӣ», консепсияҳои илмии «гармонизатсияи манфиатҳои миллӣ», «бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ» ва чанде дигарон ташкил додаанд. Дар рафти пажӯҳиши мавзуъ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ методҳои таҳлили системавӣ, методи диалектикӣ, таҳлили омилҳои бавуҷудоварандаи таҳдид, таҳлили шаклҳои зоҳиршавии таҳдид, таҳлили субъектҳои таҳдид, методи типологӣ, таҳлили эволютсионӣ, таҳлили мундариҷаи ҳуҷҷатҳои расмӣ ва расонаҳои хабарӣ (контент-анализ) ва ғ. истифода шудаанд. Методҳои истифоданамудаи довталаб имкон додаанд, ки баъди ҷамъбаст кардани таҳқиқот хулосаҳои мантиқан дуруст ва илман асоснокшуда пешниҳод гарданд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар диссертатсия таъсири таҳдидҳои замони муосир ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст ва механизми таъмини он низ пешкаш гардидааст. Бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ таҳдидҳо ҳамчун категорияи муҳимми системаи амнияти миллӣ таҳқиқ шуда, сабабҳо ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо, хавфу хатар ва оқибатҳои ногувори онҳо дар низоми давлатдорӣ, роҳу усулҳои ҳифзи суботи сиёсии ҷомеа муайян гардидаанд. Дар диссертатсия оид ба таъмини амният ва шинохти таҳдидҳо баррасии як қатор масъалаҳо бори аввал пешниҳод шудаанд. Довталаб таснифоти нави таҳдидҳоро пешниҳод кардааст. Таҳдидҳои замони муосирро баробарвазни таҳдидҳои ғайрианъанавӣ муайян намудааст. Таҳдидҳои соҳавиро аз таҳдидҳое, ки ба соҳаи муайян таъсир

мерасонанд, аз ҳам ҷудо намудааст. Таҳдидҳои иттилоотию идеологиро ҳамчун таҳдиди пуриқтидор ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон номидааст. Дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ мафкурасозиро ҳамчун воситаи асосии таъмини суботи сиёсии Тоҷикистон нишон додааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳамияти зиёди назариявӣ доранд. Консепсияи илмие, ки аз ҷониби довталаб пешниҳод гардидааст, барои таҳқиқи минбаъдаи таҳдидҳо заминаи илмию назариявӣ фароҳам меоварад. Муаллиф иброз медорад, ки мубориза бо таҳдидҳои имрӯза замоне натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки агар субъекти таъмини амният дар бораи сарчашмаҳои пайдоиш ва оқибатҳои манфии онҳо маълумоти кофӣ дошта бошад. Консепсияи илмии довталаб дар ҳамин ҳошия таҳия гардида, барои шинохти таҳдидҳо, бахусус муайян намудани сарчашмаҳои пайдоиш ва оқибатҳои ногувори онҳо мусоидат мекунад. Консепсияи илмии пешниҳодгардида имкон медиҳад, ки самаранокии таъмини амният, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва муқовимат бо таҳдидҳо боз ҳам беҳтар гардонида шаванд. Дар заминаи консепсияи пешниҳоднамудаи довталаб навъҳои ҷудогонаи таҳдидҳоро дар доираи таҳқиқоти алоҳида таҳлилу баррасӣ намудан мумкин аст. Ғайр аз ин, хулосаҳои диссертатсияро дар такмили барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳои «Амнияти Тоҷикистон» ва «Амнияти байналхалқӣ» истифода бурдан мумкин аст. Инчунин маводи диссертатсияро дар таълиму тадриси фанни «Раванди сиёсӣ» низ истифода намудан имконпазир аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсиониро мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ дар раванди таъмини суботи сиёсӣ метавонанд истифода баранд. Хулосаҳои таҳқиқот дар такмили стратегияҳои муқовимат бо терроризм ва экстремизм, консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои таъминкунандаи суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ метавонанд истифода шаванд. Маводи диссертатсияро барои пешбурди фаъолияти идеологӣ ва тақвият додани мафкурасозӣ дар шуъбаҳои робита бо ҷомеа истифода кардан мумкин аст. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот барои шинохти таҳдидҳои идеологӣ ва муқовимат ба хуҷумҳои иттилоотӣ аз ҷониби рӯзноманигорон низ метавонанд истифода бурда шаванд.

Диссертатсияи мазкур аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, чор боб, чордаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, номгӯйи адабиёт ва интишороти довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Зимни таҳияи диссертатсия талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст, пурра риоя гардидааст. Автореферат ва интишороти довталаб мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 22 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст. Муҳимтарини онҳо:

1. Сафарализода, Х.Қ. Хусусиятҳои таъмини амнияти идеологӣ дар раванди ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. – №1 (81). – С.48-60. ISSN: 2075-9584; EDN: TCODWB
2. Сафарализода, Х.Қ. Хусусиятҳои таъмини амнияти идеологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити соҳибистиқлолӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. – №2 (82). – С.35-48. ISSN: 2075-9584; EDN: VOPUJX
3. Сафарализода, Х.Қ. Шинохти таҳдидҳо дар шароити тағйирпазирии равандҳои сиёсӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2021. – №1 (73). – С.62-78. ISSN: 2075-9584; EDN: BPEAOF
4. Сафарализода, Х.Қ. Умумият ва махсусияти хавфу хатар ва таҳдид: масъалаҳои назариявӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №1. – С.159-173. ISSN: 2413-5151; EDN: RRRZLK
5. Сафарализода, Х.Қ. Ташаккулёбии таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир дар шароити пешрафти илмию техникӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №2 (51). – С.248-257. ISSN: 2664-0651; EDN: CEOOFM
6. Сафарализода, Х.Қ. Таҳдид ҳамчун масъалаи илмию назариявӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №3 (52). – С.245-259. ISSN: 2664-0651; EDN: VEUPGU
7. Сафарализода, Х.Қ. Зоҳиршавии навъҳои гуногуни таҳдид дар раванди таҳкими истиқлолият [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. – №2. – С.110-116. ISSN: 0235-005X; EDN: VZDWIZ
8. Сафарализода, Х.Қ. Неруи ҳушманд ва дурнамои ҳимояи манфиатҳои миллӣ [Матн] / П.А. Муҳаммадзода, Х.Қ. Сафарализода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. – №2 (70). – С.10-22. ISSN: 2075-9584; EDN: JBZMIQ
9. Сафарализода, Х.Қ. Воқеиятҳои «неруи нарм»: ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва дурнамои мубориза бо таҳдидҳои нави замони муосир [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. – №2 (70). – С.37-52. ISSN: 2075-9584; EDN: BZWBOE
10. Сафарализода, Х.Қ. Зуҳури таҳдидҳои нави замони муосир дар шароити тағйирпазирии ҷомеа [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. – №4 (72). – С.56-71. ISSN: 2075-9584; EDN: OLXKYP

11. Сафарализода, Х.Қ. Таҳаввулоти назарияҳои амният ва дурнамои шинохти таҳдидҳо [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №1. – С.250-258. ISSN: 2413-5151; EDN: THTUFT
12. Сафарализода, Х.Қ. Таҳдидҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ: моҳият, хусусият ва нишонаҳои фарққунандаи онҳо [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2020. – №3. – С.112-117. ISSN: 0235-005X; EDN: WCEVQQ
13. Сафарализода, Х.Қ. Таҳдид, хатар, изтироб ва хавф: тафовутҳои байниҳамдигарӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – №3-1. – С.228-233. ISSN: 2413-5151; EDN: CUNBNG
14. Сафарализода, Х.Қ. Таҳдидҳо ба амнияти миллӣ: моҳият ва хусусиятҳои муҳимми онҳо [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. – №2/10. – С.278-282. ISSN: 2413-5151; EDN: YWRCWL
15. Сафарализода, Х.Қ. Кибертерроризм ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. – №2/4. – С.271-275. ISSN: 2413-5151; EDN: XDLHMR
16. Сафарализода, Х.К. Вызовы и угрозы социальных сетей [Текст] / Х.К. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 5. – С. 314-325. ISSN: 2413-5151; EDN: DYOZMT
17. Сафарализода, Х.К. Цветные революции как геополитическое оружие современного мира [Текст] / Х.К. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 4-1. – С. 292-302. ISSN: 2413-5151; EDN: PEUNEI
18. Сафарализода, Х.К. Внешние угрозы как результат столкновения геополитических интересов [Текст] / Х.К. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – №6. – С.276-284. ISSN: 2413-5151; EDN: VVQADG
19. Сафарализода, Х.К. Источники проявления внутренних угроз в условиях трансформации общества [Текст] / Х.К. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – №5. – С.240-252. ISSN: 2413-5151; EDN: FHVIYW
20. Сафарализода, Х.К. Появление новых вызовов и угроз в условиях неуклонного развития информационно-коммуникационных технологий

[Текст] / Х.К. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – №6. – С.239-251. ISSN: 2413-5151; EDN: YPDSQT

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар истеҳсолот истифода шудаанд. Хулосаҳои асосии диссертатсия дар факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон зимни таълими фанҳои «Амнияти Тоҷикистон» ва «Амнияти байналхалқӣ» истифода шудаанд. Инчунин натиҷаҳои асосии диссертатсия дар такмили барномаҳои таълимии фанҳои мазкур низ истифода гардидаанд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот дар Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон зимни таълими фанни «Таҳдидҳои замони муосир» истифода бурда шудаанд. Дар ин бора санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ мавҷуданд ва замима мегарданд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле зиёд аст. Довталаб дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот бевосита иштирок намудааст. Интихоби мавзуъ, муайян кардани объект ва предмети таҳқиқот, таҳияи мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш ва пешниҳоди фарзияи таҳқиқот аз ҷониби довталаб анҷом дода шудааст. Барои коркарди ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқот муаллиф доираи васеи адабиёти илмиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Инчунин довталаб ҳаҷми зарурии сарчашмаҳои иттилоотию эмпирикиро таҳлилу баррасӣ намудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар шакли мақолаҳои илмӣ таҳия намуда, дар маҷаллаҳои илмӣ нашр кардааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ маърӯза гардидаанд. Хулосаҳои диссертатсия ва тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот бевосита аз ҷониби довталаб таҳия гардида, пешниҳод шудаанд.

Диссертатсияи Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ дар мавзуи «Таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ кори илмии баанҷомрасида мебошад. Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 32 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Мазмуну мундариҷаи таҳқиқот ва мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мувофиқат менамоянд. Кори диссертатсионии Сафарализода Х.Қ. ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии самти илмҳои сиёсӣ пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Дар маҷлиси кафедра 20 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар; «муқобил» - нест; «бетараф» - нест. Протоколи №12-и маҷлиси васеи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 12-уми июни соли 2024.

Доктори илмҳои сиёсӣ,
мудири кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон /__________/ Муродова Н.С.

Раиси маҷлис,
мудири кафедраи равандҳои
сиёсӣ дар Тоҷикистон, н.и.с. /__________/ Қаландаров К.Қ.

Котиби маҷлис,
номзади илмҳои сиёсӣ /__________/ Абилов С.А.

Имзоҳои Муродова Н.С., Қаландаров К.Қ.
ва Абилов С.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон /__________/ Тавқиев Э.Ш.